**Хулосаи**

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё дар мавзӯи "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – "Филология" пешниҳод шудааст.

Аз 17 сентябри соли 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи докторант Сайдалиева Муҳайё дар мавзӯи "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак" ба омӯзиш ва таҳқиқи ташаккули нутқи кӯдак аз синни таваллуд то ба шашсолагӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Дар диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё масъалаҳои шинохти илми онтолингвистика (онтогенез) дар забоншиносӣ, омӯзиши заминаҳои пайдоиши шаклгирии нутқ ва фарогирии забони модарӣ аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ дар осори муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, таҳлили забонии нутқи кӯдак, аз ҷумла муайян ва баррасӣ намудани омилҳои ташаккули нутқи кӯдак, пайдо шудани силсилаи овозҳо ва муайян кардани фонди луғавӣ, мушаххас намудани вижагии калимаҳо (калимасозӣ, қаринасозӣ) дар нутқи кӯдакон, таҳлили роҳҳои шаклгирии унсурҳои дастурии забон, шаклгирии қолабҳои сарфию наҳвӣ дар нутқи кӯдак ва нишон додани салоҳиятнокии наҳвӣ дар нутқи кӯдакон ва амсоли инҳо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Пажӯҳиши ин мавзуъ дар илми забоншиносии тоҷик, ки аз масъалаҳои камомӯхташуда маҳсуб мёёбад, аз аҳамияти назариву амалии диссертатсия дарак медиҳад.

Навгониҳои илмии рисолаи илмӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори нахуст шаклгирии нутқи кӯдак ба таври густурда ва бунёдӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки аз таваллуд то ба яксолагӣ овозҳои навзодӣ ва калимаҳои кӯдакона дар забоншиносии тоҷик нишон медиҳад. Ғайр аз ин омилҳои фарогири забони кӯдакон, вижагиҳои овозӣ, сарфиву наҳвӣ, луғавӣ ва калимасозиву қаринасозӣ баррасӣ шудааст. Дар баробари ин диссертант дар ҷараёни пажӯҳиши мавзуъ бори нахуст ба воситаи таҷрибаи хотиранависӣ ва ба тариқи пурсиш (анкетапуркунӣ) дар забоншиносии тоҷик шаклгирии нутқи кӯдакро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки аҳамияти басо муҳим дорад.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ аз методҳои таҳлилӣ, тасвирӣ ва муқоисавӣ истифода кардааст. Пажӯҳишгар дар рафти пажӯҳиш ба усули илмӣ ва осори назарии муҳаққиқон, ба мисли В.И. Белтюкова, В.П. Белянин, М. Ботинӣ, А.Н. Гвоздев, Е.И. Исенина, А. Крилов, А.А. Леонтев, Н.И. Лепская, А.Г. Маклаков, Ф.А. Сохин, К.Д. Ушинский,

Р.А. Фрумкина, Н. Ҳомский, Т.В. Черниговская, С.Н. Сейтлин ва дигарон такя намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, дар се боб ва ҳашт фасл тасниф шуда, дар умум иҷро шудааст.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дорад. Он барои таҳқиқи мавзӯи шаклгирии нутқи кӯдакони синни томактабӣ ва фарогирии забони тоҷикӣ судманд аст. Ин пажӯҳиш метавонад ҷанбаҳои назариявии забоншиносии равониро пурра гардонида, барои муҳаққиқони забоншиносии равонӣ ва забоншиносӣ (масоили назариявии фонетикӣ, фоносемантикӣ, лексикӣ, семантикӣ) ва соҳаҳои биология, педагогика, логопедия аз ҷиҳати омӯзиш ва муайян кардани мушкилоти шаклгирии нутқи кӯдак ва марҳилаҳои таърихии пайдоиши илми онтолингвистика кӯмаки ҳамаҷониба расонад. Дастовардҳои онро дар таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ, забоншиносии равонӣ, биологӣ, педагогика, назарияҳои когнитивӣ ва коммуникатсионӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин бахшҳои алоҳидаи кор барои табибон, логопедҳо маводи муҳим дода метавонад. Маҳз пажӯҳиши қисми амалии кор имкон медиҳад, ки натиҷаҳои он дар якчанд соҳаи дарбаргирандаи фаъолияти нутқи кӯдак васеъ истифода шавад.

Дар диссертатия як қатор норасоиҳо ҷой доранд:

1. Оё ба истилоҳи "Филология" дар Шӯрои тоҷикӣ имкон дорад?;
2. Баъзе истилоҳоти махсус "логопедия" ва ғ. шакли тоҷикӣ дар қавс оварда шавад;
3. Ҷумларо равшантар баён кунед.

## Хулоса

1. Диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё дар мавзӯи "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак" кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 6D020500 филология, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.
2. Мақолоти интишорнамудаи муаллиф (6 адад), аз ин миқдор 4-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адад буда, мазмуну муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда 3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.
3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра фаро мегирад.
4. Диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё дар мавзӯи "Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак", ки ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.
5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия карда мешавад:

**Олимҷон Қосимов** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

**Матробиён Саломатшо** – номзади илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Сулаймонов С.

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Маҳмадназаров А.

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Гулназарова Ж.Б.